PIAS

# Тавсиянома барои фермерон

Чилди.19



## ПАРВАРИШИ Маъсар

Агентии Япония оид ба ҳамкориҳои байналмилалӣ

Вазорати кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон

Дастурамали мазкур дар доираи лоиҳаи кӯмаки техникии Агентии Япония оид ба ҳамкориҳои байналхалқӣ (JICA) «Беҳтар намудани хизматрасонӣ дар соҳаи кишоварзӣ тавассути мустаҳкам намудани ташкилотҳои кишоварзӣ дар Тоҷикистон» таҳия ва нашр карда шуд.

Ҳуқуқи муаллифиро ба ин дастурамал танҳо Агентии Япония оид ба ҳамкориҳои байналхалқӣ дорад.

Ҳангоми истифода бурдан ва ё аз нав чоп кардани қисми мавод номи JICA бояд дарҷ карда шавад.

**Муаллифон:**

Маҳмадёров Усмон -доктори илмҳои кишоварзӣ, профессор

Норов Мастибек - доктори илмҳои кишоварзӣ, профессор

Ҷаборов Таваккал – номзади илмҳои кишоварзӣ, дотсент

Шарипов Нурулло - номзади илмҳои кишоварзӣ, дотсент

Рашидов Қаҳрамон - номзади илмҳои кишоварзӣ.

**Мушовирон:**

Масаказу Канамото, Хироши Кикучи, Такеши Абе ва Туракул Муродов.

**Душанбе – 2012**

# МУНДАРИЧА

Маълумоти умумӣ / Хусусиятҳо ........ 1

Навъҳо ........ 1

Киштгардон ........ 2

Нақшаи мавсимӣ барои кишт ........ 2

Тақвим ........ 2

Интихоби замин ........ 2

Тайёр намудани замин ........ 3

Кишт ........ 3

Нигохубин ........ 4

Парвариш ва нигоҳубин (Нуридиҳӣ) ........ 4

Шудгори ........ 4

Ҳосилҷамкунӣ ........ 5

Касалиҳо ва хашаротҳо ........ 5

## МАЪЛУМОТИ УМУМӢ / ХУСУСИЯТҲО



Маъсар асосан барои гирифтани донаш, ки аз он равған истеҳсол мегардад парвариш карда мешавад. Он аҳамияти калони озуқаворӣ ва саноатӣ дорад. Дар таркиби дони маъсар 30-35% (ДАР мағзи тухмаш 50-54%) равғани нимхушкшаванда ва то 12% сафеда мавҷуд аст.

Кишти маъсар дар Тоҷикистон афзуда истодааст ва он дар заминҳои лалмии аз бориш нимтаъмини ноҳияҳои ғаллакори вилояти Суғд кошта мешавад.

Мувофиқи маълумотҳои қитъаҳои минтақавии навъсанҷӣ (Панҷакент) маъсар дар солҳои мусоид аз ҳар гектар 5-6 сентнер ҳосили тухмӣ додааст. Дар таҷрибаҳое, ки дар заминҳои лалмии аз бориш таъмини водии Ҳисор гузаронида шудаанд, ҳосилнокии тухмии он то ба 8-12с/га расидааст.

Маъсар растании ба хушкию гармӣ тобовартар буда, ба иқлими континенталии хушк мутобиқ аст. Аз ин рӯ вай дар заминҳои лалмии аз намӣ нимтаъмин низ парвариш карда мешавад.



Вобаста ба навъҳо ва шароити парвариш давраи пурраи нашъунамои навъҳои миёнапаз дар киштҳои баҳорӣ 110-130 рӯз ва навъҳои миёнаю-дерпазаш 140-145 рӯз давом мекунад. Дар растанӣ гулкунӣ аз сабадчаҳои пояи асосӣ сар шуда, баъд дар сабадчаҳои шохаҳои паҳлӯӣ давом меёбад.

## НАВЪҲО

| Навъ | Тавсиф |
|---|---|
| **Милютинии-114** | Вазни 1000 дона тухмиаш 40-52г аст. Дар тухмаш 30-34% равған дорад. Ба хушкӣ тобовар буда, давраи нашъунамояш то 116 рӯз аст. |
| **Шифо** | Вазни 1000дона тухмиаш 48-52гр аст. Давраи нашъунамояш дар мӯҳлати кишти баҳорӣ то 115 рӯз ва дар кишти пеш аз зимистонӣ 175-180 рӯз давом мекунад. Ҳосилнокии донаш аз руи маълумотҳои стансияи навъсанҷии Турсунзода дар заминҳои лалмии аз боришот таъмин 25-28 с/га ва нимтаъмин 15-18с/га баробар аст. |

## КИШТГАРДОН

**Ҷадвали киштгардон барои кишти нахуд (4 қитъагӣ)**

| Сол | Қитаи замин | | | |
|---|---|---|---|---|
| | 1 | 2 | 3 | 4 |
| 1 | Маъсар | Нахуд | Гандум | Гандум |
| 2 | Гандум | Маъсар | Нахуд | Гандум |
| 3 | Гандум | Гандум | Маъсар | Нахуд |
| 4 | Нахуд | Гандум | Гандум | Маъсар |

## НАҚШАИ МАВСИМӢ БАРОИ КИШТ

### ТАҚВИМ

**Замини лалмӣ**

| | 1 | 2 | 3 | 4 | 5 | 6 | 7 | 8 | 9 | 10 | 11 | 12 |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Омода кардани замин | | | | | | | | | | ⟷ | | |
| Кишт | | ⟷ | ⟷ | | | | | | | ⟷ | ⟷ | ⟷ |
| Ҷамъоварии ҳосил | | | | | | ⟷ | ⟷ | ⟷ | | | | |

### ИНТИХОБИ ЗАМИН

Дар хокҳои турш, оби зеризаминиашон наздик парвариши он тавсия намешавад. Хокҳои хокистарранг барои нашъунамои он беҳтаринанд.

## ТАЙЁР НАМУДАНИ ЗАМИН



Коркарди хок барои кишти аввали баҳории он аз гузаронидани шудгори тирамоҳӣ дар чуқурии 26-28см, нарм-кунии пеш аз кишт бо сихмола дар чуқурии 6-8см коркард гузаронида мешавад.

## КИШТ



Вақти кишти маъсар ба мӯҳлат-ҳои кишти зироатҳои ғалладонагии аввали баҳорӣ мувофиқ аст. Дар чуқурии чойгиршавии тухмиҳо бо 4-5°C расидани ҳарорат ба кишт сар мекунад.

Дар минтақаҳои ҳамвори заминҳои лалмии аз намӣ таъмин, кишти он дар мӯҳлатҳои охири тирамоҳ ва пеш аз зимистонӣ (ноябр ва декабр) натиҷаҳои хуб медиҳанд. Чунин кишт имконият медиҳад, ки растаниҳо дар баҳор нағз инкишоф ёфта, аз намии хок беҳтар истифода баранд ва аз хушкӣ кам осеб дида, нисбатан ҳосили баланд диҳанд.

Хуб мешуд, ки маъсар бо тухмипошакҳои аниқкорандаи тухмӣ (СУПН-8, СПЧ-6М) бо усули васеъҷӯяи байни қаторҳояш 45-60см ва барои хӯроки чорво 30 сантиметрӣ кошта шавад. Меъёри кишти тухмӣ барои дон 8-12кг/га, барои беда, силос, хӯрокаи сабз то 14кг/га мебошад. Тухмиҳо дар чуқурии 5-6см зери хок карда мешаванд.



Дар қитъаи навъсанҷии давлатии ноҳияи Темурмалик, дар заминҳои лалмии аз бориш таъмин, кишти маъсар аз рӯи накшаи 45х15 ва 45х10см натиҷаи хуб додаанд. Ҷойгиркунии растаниҳо аз рӯи накша зичии ниҳолҳоро мутаносибан дар 1 гектар то 130-200 ҳазор дона зиёд мекунад.

Дар таҷрибаҳои М.Норов (2006) дар заминҳои лалмии водии Ҳисор дар солҳои хушки 10.4т/га массаи биологӣ рӯёнида шудааст. Дар таҷи-қотҳо зичии ниҳолҳо ба 12-ҳазор растанӣ баробар буд ва кишт 20 декабр гузаронида шудааст.

# НИГОХУБИН

## ПАРВАРИШ ВА НИГОҲУБИН (НУРИДИҲӢ)

Пеш аз шудгор ба майдонҳо 40-50кг/га фосфор ва пеш аз нармкунини пеш аз кишт 35-40кг/га нитроген мепошанд.

Аз меъёри солона нуриҳои фосфорӣ ва калийгиро пеш аз коркарди асосии хок (шудгор) нуриҳои нитрогениро бошад 25%-ро дар вақти кишт ва боқимондаашро дар давраи пайдоиши сабадчаҳо дода мешавад.

**Меъёри солонаи истифодаи нурихои минерали барои нахуд аз ҳисоби вазни физикии нурӣ**

| № | Номгӯи нурӣ | Меъёри истифодабарӣ |
|---|---|---|
| 1 | Нитрогени (селитраи аммо-ний) | 120кг/га |
| 2 | Фосфорӣ (суперфосфати му-каррарӣ ё оддӣ) | 210 кг/га |
| 3 | Аммофос | 66 кг/га |
| 4 | Калиги (сулфати калий) | 40 кг/га |
| 5 | Нурии органикӣ (маххалӣ) | 10-15 т/ га лалмӣ<br>20- 30 т/га обӣ |

## ШУДГОР

Агар дар киштзор сафолак пайдо шавад, онро тавассути сихмолаҳои сабук мешикананд. Дар киштҳои васеъҷӯяк (дар давраи нашъунамо) ба воситаи нармкунакҳо байни қаторҳо 1-2 маротиба нарм карда мешаванд.

## ҲОСИЛҶАМКУНӢ

Тухмиҳои маъсар дар вақти пухта расидан пош мехӯранд. Ҳангоми пурра пухтани тухмӣ ба ғунучини он сар мекунанд. Аз рӯи зардшавии растаниҳо, сабадчаҳо ва пайдо шудани ранги муқаррарии тухмиҳо вақти ғунучини ҳосил муайян карда мешавад.

Маъсар бо усули якдаврагӣ бо комбайнҳои ғалладарав ва ҳамчун хӯрокаи чорво бо мошинаҳои алафдарав ё комбайнҳои силосдарав дар давраи пайдоиши сабадчаҳо ҷамъоварӣ мешавад.

## КАСАЛИҲО ВА ХАШАРОТҲО

Ба мукобили алафхои бегонаи маъсар дар давраи тирамох баъд аз чамъоварии хосил гербисиди Роонтап-36% бо меъёри 4.0-6.0 л/га истифода бурда мешавад. Ба муқобили ҳашаротҳои заррарасон (гулхураки маъсар, шапалакхои сафедбол) истифода бурдани захрхимикатхои Фостак-10% 0.1-0.15 л/га, Фиюри 10% 0.2-0.3 л/га лозим аст. Ба муқобили касалиҳои замбуруғӣ Олтингугирди хока (сулфур) 80% 15-30 кг/га дар давраи нашъунамо истифода бурда мешавад.

| Гербитсидҳо - заҳрдоруҳо мубориза бар зидди алафҳои бегона | |
|---|---|
| Бар зидди кадом мавзеи зараррасон | Ҳамаи алафҳои бегона |
| Номгӯи пеститсид | Раондап 36% |
| Меъёри сарфаи заҳрдору | 4.0-6.0 л/га |
| Мухлати коркард | Дар давраи тирамоҳ баъд аз ҷамъоварӣ |

| Инсектидсидҳо - заҳрдоруҳо мубориза бар зидди ҳашаротҳо | |
|---|---|
| Бар зидди кадом мавзеи зараррасон | Гулхураки масъар, кайкҳои чиликгулҳо, шапалакҳои сафедбол |
| Номгӯи пеститсид | Фастак 10% |
| Меъёри сарфаи заҳрдору | 0.1-0.15 л/га |
| Мухлати коркард | Пошидан дар давраи нашъунамо |

| | |
|---|---|
| Бар зидди кадом мавзеъи зараррасон | Гулхураки масъар, кайкҳои чиликгулҳо, шапалакҳои сафедбол |
| Номгӯи пеститсид | Фастак 10% |
| Меъёри сарфаи заҳрдору | 0.2-0.3 л/га |
| Мухлати коркард | Пошидан дар давраи нашъунамо ва бевосита бо пайдошавии ҳаша-рот |

| Фунгитсидҳо – захрдоруҳо мубориза бар зидди касалии растаниҳо | |
|---|---|
| Бар зидди кадом мавзеъи раррасон | Касалихои замбуруги |
| Номгӯи пеститсид | Олтингугирди хока Сулфур 80 % |
| Меъёри сарфаи захрдору | 15-30 кг/га |
| Мухлати коркард | Пошидан дар давраи нашъунамо бо пайдошавии нишонаҳои авалини касалӣ |

| Захрдоруҳо барои коркарди бинои амборҳо | |
|---|---|
| Бар зидди кадом мавзеъи зараррасон | Захиараи ҳаша-ротҳо<br>Бинои амборҳои борнадаровварда |
| Номгӯи пеститсид | Фостак |
| Меъёри сарфаи захрдору | 0.4 мл/м$^2$ |
| Мухлати коркард | Коркард бо усули намноки, 200 мл, маҳлули кори ба 1м$^2$. даромадани одамон, даровардани бор ба амбор баъди 72 соати коркард |

| | |
|---|---|
| Бар зидди кадом мавзеъи зараррасон | Захиараи ҳашаротҳо<br>Ҳудуди назди амбор |
| Номгӯи пеститсид | Каратэ |
| Меъёри сарфаи захрдору | 0.8 мл/м$^2$ |
| Мухлати коркард | Коркард бо усули намнокӣ, 400мл, маҳлули кори ба 1м$^2$ |

PIAS

The Project for
Improvement of
Agricultural Extension Service
through Reinforcing
Agrarian Organization
in Republic of Tajikistan

**Суроға:**
**тел: (+992 37) 221 44 03**
**ш. Душанбе, х.Рудаки 44,**
**ошёнаи 4-уми бинои Вазорати**
**кишоварзии ҶТ**

Институти боғпарварӣ ва
сабзавоткории Академияи илмҳои
кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон,

Суроға: ш.Душанбе, х.Рудаки 21А,

тел.: 227 08 01

E-mail: bogparvar@mail.ru

Донишгоҳи Аграрии Тоҷикистон ба
номи Шириншоҳ Шотемур,

Суроға: ш.Душанбе, х.Рудаки 146,

тел.: 2246167, 2247198